**СУРАТҶАЛАСАИ №35**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

**аз 17 ноябри соли 2023**

Ҳайати шурои диссертатсионӣ иборат аз 15 нафар тасдиқ шудааст.

**Иштирок доштанд:** Раиси шуро - Иматзода Л., муовини раис - Раҳимзода Х., котиби илмӣ - Котибова Ш., аъзоён: Негматов С.Э., Гулмадов Ф., Латифзода Д.Н., Каримзода М.Б., Иззатова М.И., Юнусова Н.М., Туронов С.Ш., Махкамов Д., Обидова М.И., Рамазонова Р.С.

**РӮЗНОМА**

Ба баррасии муқаддамотӣ қабул кардани диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи «Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ), (роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Иматзода Лутфия Маҳмадулло) ва таъин намудани комиссияи экспертӣ

**ШУНИДА ШУД:**

Аз рӯйи масъалаи мазкур и.в. раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Х. Раҳимзода дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзода ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Котибова Ш.П. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Раҳилаи Нураҳмадзода – диссертатсия ва автореферат (бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои

диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, №267) мувофиқат мекунанд ва унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои дигарро низ тибқи муқарарот пешниҳод намудааст. Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ҷиҳати ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи «Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ), (роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Иматзода Лутфия Маҳмадулло) пешниҳод шудааст, барои ташхиси аввалия қабул карда шавад.
2. Комиссияи ташхисӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- Иззатова М.И. - доктори илмҳои педагогӣ, раиси комиссия;
- Обидова М.И. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аъзои комиссия;
- Котибова Ш.П. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аъзои комиссия.

Натиҷаи овоздиҳии кушод ба тарафдории қарори мазкур: тарафдор – 13 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**И.в. раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Х. Раҳимзода**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.п., дотсент** **Котибова Ш.П.**

*"Имзои Х. Раҳимзода ва Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам"*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.